# ХУЛОСАИ

комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА -004 назди Донишгохи миллии Тоҷикистон оид ба рисолаи доктории Собирзода Нуралӣ Миралӣ дар мавзӯи: "Мукаммалсозии механизми танзими давлатии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бозор" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05- иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент пешниҳод шудааст.

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Собирзода Нуралӣ Миралӣ дар мавзӯи: "Мукаммалсозии механизми танзими давлатии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бозор" тадқиқоти шахсии унвонҷӯ ба шумор меравад. Ақидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳо, ки нақши худро дар илми иқтисод мегузоранд, ба муаллифи диссертатсия дахл дорад. Ҳамаи корҳои иҷро гардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои тадқиқот инъикос гардидааст.

**Саҳми шахсии довталаб.** Ҳамаи марҳилаҳои татбиқи нақшаи диссертатсия, ба монанди таҳияи мавзӯъ, асосноксозӣ ва муҳиммияти он, ҳадаф ва вазифаҳои диссертатсия бо иштироки мустақими муаллиф сурат гирифтаанд. Саҳми шахсии муаллиф дар коркарди ҳамаи паҳлӯҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла, танзими давлатии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон илман асоснокгардида, омодасозии мақолаҳо оид ба мавзӯи рисолаи диссертатсионӣ ва тасвиби натиҷаҳои таҳқикот дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва ҳалқаҳои илмии сатҳҳои гуногун зоҳир мегардад.

- Рушди устувор ё манфии кишоварзӣ ба иқтисодиёти ин соҳа ё умуман кишвар таъсири бузург мерасонад. Муайян кардани хатти рушд, вақте ки ҳатто бо доштани маълумоти дақиқ роҷеъ ба тамоюлҳо хеле душвор аст, метавон онҳоро бо раванди муқаррарии табиии таҷдиди технологӣ, тағйири муносибатҳои иҷтимоӣ ва дигар омилҳо фаҳмонд. Дигаргунсозиҳои институтсионалӣ

инчунин, вобаста ба он ки соҳаи кишоварзӣ дар кадом марҳилаи тараққиёт қарор дорад ба амал меоянд ва ба он вобастаанд.

- Батанзимдарории давлатӣ бояд сохтори институтсионалии иқтисодиёт, аз ҷумла соҳаи кишоварзиро ба назар гирад, ки натиҷаи амалҳои гузашта ва худ ба худ рӯйдиҳандаи интихоби эволютсионии институтҳои нисбатан самаранок мебошад. Кишварҳои дорои иқтисоди бозаргонӣ, ки сохтори институтсионалии рушдёфта доранд, метавонанд усулҳои мустақим ва ғайримустақими танзими давлатиро барои татбиқи сиёсати дилхоҳи иқтисодӣ бидуни зарари ҷиддӣ ба тамоми иқтисоди миллӣ истифода баранд. Чунин чораҳо, агарчӣ сохтори институтсионалиро дар соҳа тағйир медиҳанд, аммо ба андозаи кам. Дар ҳолати тахассуснокии сиёсати давлатӣ дар соҳаи муайян, каҷравиҳои институтсионалӣ ба вуҷуд меоянд, ки натиҷаи он соҳаҳои шакл ивазкунии институтҳои соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад, ки соҳаи кишоварзӣ низ ба он дохил мешавад.
- Асосҳои институтсионалии танзими давлатӣ, аз ҷумла дигаргунсозиҳои институтсионалӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ба сифати меъёрҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи кишоварзӣ асос ёфта, ба натиҷаҳои татбиқи сиёсати давлатӣ алоқаманд мебошад. Институционализми анъанавӣ дар доираи назарияи меъёрии сиёсати иқтисодӣ баррасии ду масъалаи афзалиятнокро пешниҳод менамояд: оё мақомот вазифадоранд ба иқтисод фаъолона дахолат кунанд ё дахолати ҳукумат бояд то ҳадди имкон кам карда шавад, то бозор озодона фаъолият кунад?
- Танзими давлатии иқтисодиёти хоҷагии қишлоқ аз унсурҳо ва механизмҳои иштироки мустақим ва таъсири ғайримустақим ба муҳити институтсионалӣ ва шартномаҳои институтсионалии муассисаҳои кишоварзӣ, аз ҷумла дигаргунсозиҳои институтсионалӣ иборат аст ва барои рушди устувори соҳа бо мақсадҳои иҷтимоии таъмини аҳолӣ зарур аст. Ба назар гирифтани

ақидаҳои тарафдорони мактаби институтсионалӣ барои ҳалли муаммоҳои бахши кишоварзӣ замина муҳайё намуда, роҳҳои инкишофи соҳаро таъмин мекунад ва барои таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифати озуқаворӣ зарур аст.

- Баҳогузории фаъолияти соҳаи кишоварзӣ бояд ба ташхиси пешакӣ такя намуда, мавқеи субъектҳои фаъолро доир бадастории мақсадҳо ба назар гирад. Ин мақсадҳо бояд бо сохтори мавҷуда муқоиса шаванд, то ин ки муайян карда шавад, ки то чӣ андоза онҳо ба ҳамдигар мувоқат менамоянд. Меъёрҳои мутлақ дар ягон самти фаъолият мавҷуд нест, ки дар асоси он сохтори идоракунии соҳаи алоҳида ё кишоварзӣ баҳогузорӣ гардад, вале принсипҳои умумии идоракунии субъектҳо мавҷуданд, ки бо такя ба онҳо самти самараноки истифодаи таъсиррасонии ниҳодҳои давлатиро ба соҳаи кишоварзӣ мушаххас менамоянд. Ҳамаи ин вазифаи танзими давлатии соҳаи кишоварзиро мураккаб менамояд, ки бояд дар фаъолияти рузмарра ба инобат гирифта шавад.
- Давлати муосир бояд таъсири амиқи омилҳою фишангҳои гуногунро дарк намуда, барои интихоби сиёсати иқтисодии босамар замина муҳайё созад. Ин гуна сиёсати иқтисодӣ дар давраҳои гуногуни рушди иқтисоди миллӣ бояд бо назардошти авзои тағйирёбандаи иқтисоди ҷаҳонӣ амалӣ гардида, хусусиятҳои хоси рушди кишоварзии Тоҷикистонро ба инобат гирад. Фақат интихоби дурусти механизму фишангҳои танзими давлатии бахши кишоварзӣ метавонад барои расидан ба ҳадафҳои асосии мамлакат, аз ҷумла, барои ҳалли вазифаи стратегии таъмини амниятиозуқаворӣ заминаҳои устувор таъмин созад.
- Танзими давлатии бахши кишоварзӣ бояд кафолати он бошад, ки ҳангоми ҳалли масъалаҳои ба рушди комплексии хоҷагии қишлоқ вобаста дар тамоми минтақаҳои мамлакат тартиби ягонаи фаъолият бояд таъмин карда шавад, ки вазифаи асосии соҳа, яъне таъмини амнияти озуқавории мамлакатро ҳал намояд. Давлат бояд

чунин низоми муносибатҳои хоҷагидориро таъмин созад, ки барои рушди устувор ва доимии соҳа равона бошанд. Танзими давлатӣ на танҳо барои ташкил ва фаъолияти муносибатҳои бозорӣ бояд шароит муҳайё созад, балки ин низомро бо назардошти манфиатҳои миллӣ ташкил намояд.

- Яке аз самтҳои муҳими рушди бахши кишоварзӣ ва ҳалли мушкилоти соҳа ин шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ мебошад. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол дар марҳилаи ташаккул ва рушди воситаҳои дахлдор қарор доранд. Ба мушкилоти асосии марҳилаи ташаккул дохил намудан мумкин аст:

- афзоиши хавф - дар сурати муфлисшавии эҳтимолии шарики хусусӣ, наҷотбахшии шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба дӯши давлат вогузор мешавад, ки аллакай дар марҳилаи ибтидоии таъсиси ин муассиса ба зарурат ва имконияти рушди он шубҳа мегузорад;

- коркарди сусти ҳуқуқии масъалаҳо дар қонунгузорӣ (мақомоти ягонаи давлатӣ вуҷуд надорад, ки вазифаҳои арзёбӣ, ҳамоҳангсозӣ, тасдиқ ва назорати лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусиро ваколатдор кунад);

- камбудиҳои соҳаи сармоягузорӣ – дараҷаи пасти боварии сармоягузорони хориҷӣ, заифии бозорҳои миллии сармоя, суст афзоиш ёфтани даромад, усулҳои анъанавии бесамари идоракунии мақомоти давлатӣ ва қобилияти хоксоронаи истеъмолкунандагон мебошанд.

- Шарикии бахшҳои давлатию хусусӣ механизми самараноки баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ тавассути ҷалби сармоягузориҳои назаррас барои навсозии иқтидорҳои мавҷуда ва эҷоди иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, азхудкунии технологияҳои навтарин, аз ҷумла дар идоракунӣ мебошад. Ба сифати самти муҳимтарини ҳалли масъалаҳои таъсис ва истифодаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҳамчун як институти

мучаҳҳазгардонии иқтисодиёти Тоҷикистон, метавон таҳияи консепсияи ягонаи рушди шарикии давлат ва бахши хусусиро эътироф кард, ки дар он ҳукумат бояд нақшаҳо ва лоиҳаҳои худро, инчунин шартҳои татбиқи онҳоро эълон кунад, ки бояд ба як қатор барномаҳои мушаххас бо тадбирҳои муфассал, ки дар онҳо тақсимоти хавфҳо ва масъулиятҳо муайян ва возеҳ бошанд, қоидаҳои дақиқи бозии шарикон илова карда шаванд.

- Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи кишоварзӣ, асосан ба имконияти истифодаи натиҷаҳо дар ҳалли мушкилоти экологӣ, иҷтимоӣ ва ё рушди босамар нигаронида шудааст. Шаклҳои онҳо аз шаклҳои мушаххаси кооператсия дар лоиҳаҳои инфиродӣ то тавлиди ғояҳо ва навовариҳо дар соҳаҳои мушаххас ё расидан ба ҳадафи мушаххас барои ҳалли мушкилоти муҳими рушди кишоварзӣ баробар дониста мешаванд. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки дар заминаи лоиҳаҳои инфиродии рушд амалӣ карда мешаванд, бо натиҷаҳои нисбатан возеҳ ва интизоршаванда тавсиф мешаванд, ки барои онҳо шарики хусусӣ ҳалли масъалаҳои ноу-хау ва техникӣ фароҳам меорад.
- Шакли амалисозии шарикии давлат ва бахши хусусӣ оид ба ҳавасмандгардонии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, ки аз муомилот бароварда шудааст, метавонад боиси бастани шартномаи дарозмуҳлат байни мақомоти ҳокимияти давлатии минтақавӣ оид ба таҳияи сиёсати ягона дар соҳаиҷалби сармояи хусусӣ ба соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла чорводории ширӣ бошад, ки уҳдадорӣ натанҳо дар фароҳам овардани замин, балки таъмини воситаҳои зарурии истеҳсолот барои парвариши хӯроки зироати кишоварзӣ пешбинӣ шудаст. Ба ақидаи мо, муқарраротӣ мазкур барои ташаккули сохторҳои нави ташкилӣ сармоягузориҳои назаррасро талаб намекунад.
- Бо вуҷуди қабули чораҳои институтсионалӣ, мушкилиҳои зерин дар соҳаи рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ боқӣ мемонанд:

– номукаммалии шаклҳои ҳамкорӣ байни давлат ва бахши хусусӣ ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои ШДБХ;

– ҷолиб набудани муҳит аз ҷумла набудани дастгириҳои аҳамиятнок, ҳавасмандкунӣ ва кафолатҳо аз ҷониби давлат барои ҷалби захираҳои бахши хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳои ШДБХ;

– заифии механизими маблағгузории муштараки давлатии лоиҳаҳои шарикии давлат бо бахши хусусӣ;

– огоҳии нокифояи иштирокчиёни ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусӣ роҷеъ ба механизм ва шаклҳои алоҳидаи он, амалияи татбиқи онҳо ва натиҷаҳои имконпазири иҷтимоию иқтисодӣ;

– набудани мутахассисони омодашудаи баландихтисос дар соҳаи ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ, ки қодиранд лоиҳаҳои эҳтимолиро омода ва ҳамроҳӣ кунанд ва ғ.

- Афзалиятҳои асосӣ дар рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз инҳо иборатанд:

– такмили заминаи қонунгузории ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ дар асоси мутобиқгардонии таҷрибаи ҷаҳонӣ дар истифодаи усулҳо ва воситаҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ, истифодаи шаклҳо ва механизмҳои пешрафтаи ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ;

– фароҳам овардани муҳити мусоид, аз ҷумла низоми дастгирии назаррас, ҳавасмандкунӣ ва кафолатҳо бароиҷалби захираҳои бахши хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ;

– ба роҳ мондани муколамаи давлат ва бахши хусусӣ байни иштирокчиёни раванди ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ барои мубодилаи афкор ва ташаккули муносибати ягона ба мушкилиҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ;

– таҳияи барномаҳои соҳавӣ ва ҳудудии рушди ҳамкориҳои

бахшҳои давлативу хусусӣ.

- Танзими давлатӣ бояд рушди намудҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятноки фаъолиятро дар соҳаи кишоварзӣ дастгирӣ намояд, ки истеҳсолкунандагони он бо даромади баланд таъмин нестанд, барои сармоягузорони хусусӣ ҷолиб нестанд, балки танҳо тарзи ҳаёти анъанавӣ ва ғизои анъанавиро пеш мебаранд. Рушди намудҳои фаъолияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятдошта (чорводорӣ, аспparварӣ, гӯсфандпарварӣ ва бузпарварӣ) ба деҳа имкон медиҳад, ки дар баробари вазифаҳои истеҳсолӣ, меҳнатӣ ва демографӣ, иртиботи фазоӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, инчунин функсияи назорати иҷтимоӣ дар қаламравҳо иҷро кунад. Аз ин рӯ, иқтисоди бозории танзимшаванда бояд на танҳо бо тарзу усулҳои гуногун рушди соҳаҳои фоидаоварро ҳавасманд кунад, балки рушди соҳаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро низ дастгирӣ намояд.
- Дар айни замон, сиёсати батанзимдарории давлатии рушди соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаклҳои зерин амалӣ карда мешавад:
- Пешниҳоди шаклҳои гуногуни дастгирии давлатӣ ба субъектҳои кишоварзӣ дар шакли субсидия, хариди давлатӣ ва ғайра;

-истифодаи воситаҳои молиявие, ки шароити навсозии фондҳои
-асосиро дастгирӣ мекунанд – парки техникаи кишоварзӣ, таҷҳизот ва чорво;

-таъмини дастрасии воситаҳои молиявию қарзӣ барои субъектҳои хоҷагидорӣ;

-фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоя ба лоиҳаҳои рушди соҳаи кишоварзӣ;

-дастгирии содироти маҳсулоти кишоварзӣ;

-расонидани хизматҳои давлатӣ дар соҳаи бехатарии байторӣ ва фитосанитарӣ ва ғайра.

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 19 кори илмӣ бо ҳаҷми 19,2 ҷузъи чопӣ, аз он ҷумла 15 мақола дар маҷаллаҳои дорои тақризи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 7,3 ҷузъи чопӣ нашр гардидаанд.

**Соҳаи таҳқиқот. Кори диссертатсионӣ дар мувофиқат бо фаслҳои зерини Шаҳодатномаи руйхати ихтисосҳои кормандони илмии КОА назди Президенти ҶТ (менеҷмент) иҷро гардидааст:** аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисод ва идоракунии хоҷагии халқ (менеҷмент) мутобиқ мебошад: 10.2. Моҳият, сохтор ва хусусиятҳои фарққунандаи низоми идоракунии оммавӣ, тамоюлҳои асосӣ ва самтҳои инкишофи он дар шароити муосир. Принсипҳои ташкил, захираҳо ва равандҳои идора-кунии оммавӣ; 10.4. Сиёсати давлатӣ, механизм, метод ва технологияи таҳия ва татбиқи он. Стратегия и тактика дар амалисозии сиёсати давлатӣ; 10.5. Махсусияти коркард ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бахшҳои иҷтимоиёт ва иқтисодиёт. Алоқаҳои бевосита ва бавоситаи сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи онҳо. Инкишофи шаклҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ. Идоракунии моликияти давлатӣ; 10.8. Идоракунии низомҳои иқтисодӣ, принсипҳо, шаклҳо ва усулҳои амалисозии он. Вобастагии идоракунӣ аз хислат ва ҳолати низоми иқтисодӣ. Идоракунии тағйиротҳо дар низомҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнес.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он таҷассум меёбад, ки муқаррароти назариявӣ-методологӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда ҳангоми таҳия ва амалисозии қарорҳои идоракунӣ дар корхонаҳо ва хоҷагиҳои деҳқонии соҳаи кишоварзӣ истифода бурда мешаванд.

**Заминаи методологӣ ва назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ** корҳои илмии фундаменталӣ ва амалии олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба масъалаҳои танзими давлатии бахши кишоварзӣ, инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти пажӯҳишгоҳҳои пешрафтаи соҳаи скишоварзӣ ва рақобатпазирии онҳо мебошанд. Ҳангоми таҳияи рисола санадҳои

қонунгузорӣ ва меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мақолаҳои монографӣ ва илмӣ оид ба рушди бахши кишоварзӣ, истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ ва танзими самаранокии идоракунии онҳо ва ғайра истифода шуданд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо саҳеҳии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводҳои таҳқиқот, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва мақолаҳо исбот карда мешавад. Хулоса ва тавсияҳо дар таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

**Ҳадафи таҳқиқоти** мазкур асосноккунии назариявӣ ва таҳияи самтҳои асосии такмил додани низоми танзими давлатии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозорӣ мебошад.

**Масълаҳои таҳқиқот.** Мутобиқ ба мақсади гузошташуда дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳалли масъалаҳои зерин пеш гузошта мешаванд:

- зарурати танзими давлатии дигаргунсозиҳои институтсионалӣ дар бахши кишоварзӣ асоснок гардад;
- моҳияти иқтисодии танзими давлатии бахши кишоварзӣ бо назардошти ақидаҳои намояндагони мактабҳои гуногуни иқтисодӣ шарҳ дода шавад;
- асосҳои институтсионалии рушди бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шавад;
- хусусиятҳои танзими давлатии хоҷагии қишлоқ ҳамчун соҳаи афзалиятноки рушди иқтисодиёти миллӣ ошкор карда шавад;
- муқаррароти назариявии шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ дар шароити муосиргардонии хоҷагии қишлоқ таҳия гардад;
- мавқеи механизми шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ дар низоми муосиргардонии хоҷагии қишлоқ муайян карда шавад;
- механизми дастгирии давлатии рушди хоҷагии қишлоқ бо дар назардошти ҷудосозии принсипҳо, шаклҳо, усулҳои танзими давлатӣ пешниҳод гардад;

- роҳҳои баланд бардоштани сатҳи устувории молиявии корхонаҳои кишоварзӣ пешкаш карда шавад;

- хусусиятҳои қарздиҳӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон баррасӣ карда шавад;

- самтҳои самарабахши танзими давлатии рушди соҳаи кишоварзӣ бо дарназардошти омилҳои рақобатпазирии хоҷагии қишлоқ, вазъи инфрасохтори кишоварзӣ ва норасоии захираҳои молиявӣ муайян гардад.

**Заминаи методологӣ ва назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ** корҳои илмии фундаменталӣ ва амалии олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба масъалаҳои танзими давлатии бахши кишоварзӣ, инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти пажӯҳишгоҳҳои пешрафтаи соҳаи скишоварзӣ ва рақобатпазирии онҳо мебошанд. Ҳангоми таҳияи рисола санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мақолаҳои монографӣ ва илмӣ оид ба рушди бахши кишоварзӣ, истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ ва танзими самаранокии идоракунии онҳо ва ғайра истифода шуданд.

**Навоварии илмии таҳқиқот** аз асоснок кардани муқарраротм назариявӣ ва таҳияи самтҳои асосии такмил додани низоми танзими давлатии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозорӣ мебошад.Дар поён натиҷаҳои асосии таҳқиқот оварда мешаванд, ки онҳо дар худ навоварии илмӣ доранд:

- зарурати танзими давлатии дигаргунсозиҳои институтсионалӣ дар бахши кишоварзӣ асоснок карда шудааст, ки пеш аз ҳама, аз принсипи эволютсионии рушди иқтисодиёт бармеояд. Ин нишон медиҳад, ки институтҳои хоҷагии қишлоқ нисбат ба дигар сохторҳои институтсионалӣ инерсияи назарраси рушдро нишон медиҳанд ва дастовардҳои пешрафти илмӣ ва техникиро бо такя ба технологияҳои анъанавӣ суст истифода мебаранд. Ҳамаи ин таъсиррасонии давлатро дар танзими равандҳои институтсионалӣ дар соҳаи кишоварзӣ тақозо

мекунад. Ғайр аз он, зарурат ба идоракунии давлатӣ натанҳо дар давраҳои бухронӣ, балки дар дигар марҳилаҳои рушди соҳаи кишоварзӣ барои ба даст овардан ва нигоҳ доштани самараи рушди устувор ба вуҷуд меояд;

- дар натиҷаи таҳлили ақидаҳои намояндагони мактабҳои классикӣ, неоклассикӣ, кейнсианӣ ва институтсионалӣ танзими давлатии хоҷагии қишлокро ҳамчун маҷмӯи чорабиниҳои назоратию танзимӣ, ки ниҳодҳои давлатии ваколатдор бо истифода аз шаклу усулҳо ва фишангҳои давлатии таъсиррасонӣ фаъолияти субъектҳои хоҷагидории бахши кишоварзиро бо мақсади таъмини бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифат ва баландбардории некуаҳволии мардум, амалӣ менамоянд, муайян намудем;

- асосҳои институтсионалии рушди бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шуда, муаммоҳои зерини ҳалталаб дар соҳаи хоҷагии қишлоқ ҷудо карда шудааст: дараҷаи пасти соҳибистиқлолии озуқавории мамлакат; дараҷаи пасти даромаднокии бахши кишоварзии ҷумҳурӣ, ки барои азнавсозии техникию технологии он зарур аст ва гузаришро ба шакли инноватсионию инвеститсионӣ таъмин созад; дараҷаи пасти рақобатпазии маҳсулоти ватанӣ чи дар дохил ва чи дар хориҷи мамлакат, инчунин ба назар нагирифтани тағйиротҳои иқтисодию иҷтимоие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз воридшавӣ ба Ташкилоти умумиҷаҳонии савдо ба миён омаданд;

- дар заминаи арзёбии иқтисодии рушди хоҷагии қишлоқ хусусиятҳои танзими давлатии хоҷагии қишлоқ ҳамчун соҳаи афзалиятноки рушди иқтисодиёти миллӣ ва принсипҳои ташаккули механизми дастгирии давлатии истеҳсолкунандагони маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои хоҷагидорӣ ва таҳдидҳои ҷаҳони имрӯз ошкор карда шудааст. Истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ аз нуқтаи назари звенои маркази таъмини амнияти озуқаворӣ, ки барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти хоҷагии қишлоқ имконоти мухталифро фароҳам месозад, баррасӣ карда шудааст;

- муқаррароти назариявии шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ дар шароити муосиргардонии хоҷагии қишлоқ таҳия карда шуда, шаклҳои асосӣ (барномаҳои мақсаднок, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, паркҳои технологӣ, фондҳои сармоягузорӣ ва ғайраҳо) ва моделҳо (ташкилӣ, маблағгузорӣ, кооператсия ва ҳамгирой)-и шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ, ки баландбардории рақобатпазирии хоҷагии қишлокро таъмин менамоянд, муқаррар карда шудаанд;

- мавқеи механизми шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ дар низоми муосиргардонии хоҷагии қишлоқ муайян карда шуда, пешниҳод гардидааст, ки муосиргардонии соҳаи хоҷагии қишлоқҳамчун низом баррасӣ карда шуда, унсурҳои асосии он инноватсия, сармоягузорӣ, ниҳодҳои давлативу хусусӣ ва инфрасохтор мебошад. Шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ аз ҷониби муаллиф ҳамчун як ниҳод ва механизме пешниҳод гардидааст, ки нақши он дар таъмини инкишофи устувори истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ таҷассум меёбад;

- механизми давлатии дастгирии рушди хоҷагии қишлоқ бо дарназардошти ҷудосозии принсипҳо, шаклҳо, услуҳои танзими давлатӣ пешниҳод карда шуда шаклҳои дастгирии давлатии бахши кишоварзӣ дар сати дастгирии бахши даромадҳо ва самти техникӣ-иҷтимоӣ дар соҳа аниқ карда шудааст. Фишангҳои молиявии танзими давлатӣ ва дастгирии соҳаи кишоварзӣ муқаррар карда шуда механизми мукаммал гардонидани асосҳои ҳуқуқуӣ, маъмурӣ ва молиявӣ-иқтисодии соҳа аосонок карда шудааст;

- роҳҳои баланд бардоштани сатҳи устувории молиявии корхонаҳои кишоварзӣ тавассути субсудиякунонии истеҳсоли маҳсулоти муҳими кишоварзӣ, рушди ҳама намуди ҳамкориҳои кишоварзӣ, ташкили шабакаи анборҳо ва коркарди аввалияи ашёи хоми кишоварзӣ, рушди инфрасохтори нақлиётӣ, пешкаш карда шудаанд. Механизми дастгирии давлатии бахши кишоварзӣ ва танзими сатҳи зиддиинҳисории соҳаҳо бо риояи меъёрҳо ва принсипҳои СУС дар доираи «сабади сабз» ё «сабади кабуд», ки барои истеҳсолкунандагони соҳаи алоҳидаи маҳсулоти

кишоварзӣ дар бозори дохилӣ маҳдудиятҳои рақобати сунъӣ эҷод намекунад, пешниҳод карда шудааст;

- хусусиятҳои қарздиҳӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон ошкор карда шуда, сабаби камшавии қарздиҳии бонкҳо ба хоҷагии қишлоқ бо дарназардоршти омилҳои даромаднокии пасти соҳа, болоравии меъёри фоизи қарз, баландравии қурби асъори хориҷӣ, беқурбшавии асъори миллӣ дақиқ карда шудаанд. Собит карда шуд, ки дар шароити норасогии қарзи бонкӣ дастгирии давлатӣ тариқи пешниҳоди техника ба иҷора, кафолати устувор нигоҳдории нархи маҳсулоти кишоварзӣ бо таъсиси механизми давлатии хариди маҳсулотҳои истеҳсолгардида ва ҷудосозии субсидияҳои мустақим ва ғайримустақим ба хоҷагии қишлоқ самаранокии соҳаро баланд гардонида, нақши онро дар ноил гардидан ба рушди устувори иқтисодӣ дучанд мегардонад;

- самтҳои самарабахши танзими давлатии рушди соҳаи кишоварзӣ бо дарназардошти омилҳои рақобатпазирии хоҷагии қишлоқ, вазъи инфрасохтори кишоварзӣ ва норасоии захираҳои молиявӣ муайян карда шуданд. Махсусан, маҳалликунонии сохтори истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ дар сатҳи минтақавӣ; баланд бардоштани сифати пахта ҳамчун маҳсулоти асосии кишоварзии Тоҷикистон ва ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафтаи хушксозии он; инкишофи робитаҳои истеҳсолӣ байни корхонаҳои хоҷагии қишлоқ ва саноатӣ, инчунин ҳавасмандгардонии молиявии соҳаҳои афзалиятноки хоҷагии қишлоқ бо дарназардошти нақши онҳо дар таъминоти шуғл ва ғанигардонии бозорҳои дохилӣ ҷудо карда шуданд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқот.** Дар 19 корҳои илмии нашргардида, аз ҷумла дар 15 мақолаи дар нашриётҳои ба Номгӯи маҷаллаҳо ва нашриётҳои илмии пешсафи тақризшавандаи аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда моҳияти асосии рисолаи диссертатсионӣ дарҷ ёфтааст. Ҳаҷми умумии корҳои нашргардида беш аз 19,2 ҷузъичопиро ташкил медиҳанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертация дар 315 саҳифаи матни чопи мошинӣ пешниҳод шуда, аз муқаддима, чор боб, хулоса ва феҳрасти адабиёт, ки 234 номгӯй дорад, иборат буда, 22 ҷадвал, 18 расм ва 4 диаграммаро дарбар мегирад.

Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Собирзода Нуралӣ Миралӣ маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Мутобиқи банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Рисолаи илмии Собирзода Нуралӣ Миралӣ дар мавзӯи: "Мукаммалсозии механизми танзими давлатии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бозор", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05.–Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи рисолаи илмӣ шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- **Раҳматзода Ҳайдар Бобо** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон;
- **Қудратов Рустам Раҳматович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- **Мирсаидов Аврор Бобоевич**– доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ҷонишини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсия Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур таъин карда шавад.

3. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Давлатзода Қ.Қ.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Низомова Т.Д.

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Усманова Т.Ҷ.

ИМЗОИ / ПОДПИСЬ
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ